Бо қарори мушовараи
Вазорати маорифи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 29.08.2012 № 13/6
тасдиқ шудааст.

# Тартиби
# қабули шунавандагон ба курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши касбҳои коргарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

## *1. Қоидаҳои умумӣ:*

1.1.Тартиби қабули шунавандагон ба курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши касбҳои коргарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Тартиб) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомномаи намунавии муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбиро ба танзим медароранд, таҳия шудааст.

1.2.Тартиби мазкур қабули шунавандагон (шаҳрвандони бешуғли ҷумҳурӣ, аз ҷумла ашхосе, ки дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд)-ро ба курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши касбҳои коргарӣ, ки барнома ва нақшаҳои таълимии касбу ихтисосҳои гуногуни коргариро дар курсҳои кӯтоҳмуддати 1, 3 ва 6-моҳа аз худ мекунанд, ба танзим медарорад. Ин Тартиб дар тамоми муассисаҳои таълимие, ки барномаҳои таълимии курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши касбҳои коргариро дар асоси стандартҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ амалӣ менамоянд, мавриди истифода қарор дода мешавад.

1.3. Ба курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши касбҳои коргарӣ шаҳрвандони бешуғли Ҷумҳурии Тоҷикистон (новобаста аз синну сол), инчунин муҳоҷирони меҳнатӣ ба таври пулакӣ ва дар асоси шартномаи тарафайн қабул карда мешаванд.

1.4. Таҳсили пулакӣ дар асоси аризаи шаҳрванд ва шартномаи ӯ бо муассисаи таълимӣ дар хусуси хизматрасонии пулакӣ дар соҳаи таҳсилот ба роҳ монда мешавад.

1.5.Ҳангоми қабул ба курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши касбҳои коргарӣ ҳуқуқу манфиатҳои шунавандагон ва

муҳоҷирони меҳнатӣ, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд, ҳифз карда мешаванд.

1.6. Қабул барои таҳсил ба курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши касбҳои коргарӣ дар асоси ариза ва дархости шунавандагон ва муҳоҷирони меҳнатӣ, новобаста аз сатҳи таҳсилот амалӣ карда мешавад.

1.7. Шунавандагон ҳуқуқ доранд дар муассисаҳои таълимӣ дилхоҳ касби коргариро омӯхта, малакаҳои онро аз худ намоянд.

1.8. Курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши касбҳои коргарӣ дар давоми соли хониш ва дар давраи таътил фаъолият менамоянд.

1.9. Теъдоди шунавандагон (муҳоҷирони меҳнатӣ) дар гурӯҳҳои таълимӣ 25-30 нафарро ташкил медиҳад.

## *1. Мақсади таъсиси курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши касбҳои коргарӣ:*

- омӯзиши малакаю маҳорати касбӣ;
- аз худ намудани маҷмӯи тамоми шаклҳои фаъолияти касбӣ аз рӯйи касбҳои коргарӣ;
- ба даст овардани ҳуҷҷати тасдиққунанда;
- такмили ихтисос.

## *3.Низоми қабули шунавандагон ба курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши касбҳои коргарӣ*

3.1. Барои қабули шунавандагон ба курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши касбҳои коргарӣ Комиссияи қабул, ки ба масъалаҳои ташкил ва гузаронидани қабули шунавандагон, ҳалли мушкилоти пешомада дар ин самт сару кор дорад, таъсис дода мешавад. Комиссияи қабул бо фармоиши роҳбари муассисаи таълимӣ таъсис дода мешавад. Комиссияи қабул вазифадор аст, ки ҳуҷҷатҳои шунавандагонро тибқи талабот қабул намуда, назорат барад.

3.2. Шунавандагон ба Комиссияи қабул чунин ҳуҷҷатҳоро пешниҳод менамоянд:

- ариза ба номи роҳбари муассисаи таълимӣ бо нишон додани касби интихобнамуда;
- нусхаи шиноснома (паспорт);

-ҳуҷҷати тасдиқкунандаи саломатӣ ва мувофиқат намудан ба касби интихобнамуда;

- ҳуҷҷат аз ҷои истиқомат;

-нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ;

- 6 адад расми 3/4.

3.3. Комиссияи қабул дар асоси фармоиши роҳбари муассисаи таълимӣ, бо назардошти аризаи шунавандагон ҷиҳати касби интихобнамудаашон гурӯҳҳои таълимиро муайян менамояд.

3.4.Комиссияи қабул дар асоси ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида ба касбҳои коргарӣ гурӯҳҳои таълимиро муайян намуда фармони қабул омода намуда ба роҳбарият пешниҳод намоянд.

3.5. Муассисаи таълимӣ оид ба қабул ва хатми ҳар як курсҳои кӯтоҳмуддати касбҳои коргарӣ ба Раёсати таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод намоянд.

## 4. *Ҳуҷҷати хатм*

4.1. Ба шахсоне, ки таҳсилро ба охир расонидаанд ва имтиҳони хатмкунии тахассусиро супоридаанд, ҳуҷҷати намунаи давлатӣ оид ба таҳсилот шаҳодатнома дода мешавад.

## *5. Ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ оид ба таҳсилот*

5.1. Ҳамасола роҳбари муассисаи таълимӣ ҷиҳати дастрас намудани ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ оид ба таҳсилот шаҳодатнома фармоиши таъини шахси масъулро ба тасвиб расонида, нусхаи онро бо имзои роҳбар ва мӯҳри мудаввари муассиса тасдиқ ва ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

5.2.Барои дастрас намудани ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ оид ба таҳсилот баробари ба тасвиб расонидани фармоиши хатми шунавандагон нусхаи он ва дигар ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда (дархост, боваринома, намунаи имзоҳои тасдиқшудаи роҳбари муассиса ва сармуҳосиб, расид (квитансия)-и пардохти маблағи ҳуҷҷатҳо, шиноснома, фармоиши таъини шахси масъул барои гирифтани ҳуҷҷатҳо) бо

мӯҳри мудаввар ва имзои роҳбари муассиса тасдиқ карда шуда, ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд.

5.3.Ҳар сол то 1 октябр аз натиҷаи тақсимоти ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ оид ба таҳсилот ба Вазорати маориф ҳисоботи хаттӣ ва оморӣ пешниҳод карда мешавад.

5.3.Ҳамасола то 10 декабр оид ба теъдоди хатмкунандагони соли ҷорӣ маълумотномаи оморӣ бо имзои роҳбар ва мӯҳри мудаввари муассиса тасдиқ карда шуда, ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.